ТАСДИҚ МЕКУНАМ
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
________________ Насриддинзода Э. С.
«3» ______04______ соли 2025

## ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Умаралиева Тахмина Мирзоалиевна дар мавзӯи «Таҳлили муқоисавии истилоҳоти кишоварзӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» (ғалладона, олоти меҳнат ва омилҳои марбут ба онҳо) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссератсияи Умаралиева Тахмина Мирзоалиевна таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба таҳқиқу омӯзиши муқоисавии таҳлили муқоисавии истилоҳоти кишоварзӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (ғалладона, олоти меҳнат ва омилҳои марбут ба онҳо) бахшида шудааст.

Муаллиф дар он ҷанбаҳои норавшани мавзуъро бар мабнои усули муқоиса мавриди баррасӣ қарор додааст. Таҳқиқиоти диссертатсионии мазкур ба рамзи ихтисоси тасдиқнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ бо шиносномаи илмии 10.02.20 пурра мувофиқат менамояд.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқоти** диссертатсионии Умаралиева Тахмина Мирзоалиевна дар мавзӯи «Таҳлили муқоисавии истилоҳоти кишоварзӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» (ғалладона, олоти меҳнат ва омилҳои марбут ба онҳо) дар он зоҳир мешавад, ки таҳқиқоти мазкур дар самти омӯзиши ва муқоисаи истилоҳоти кишоварзӣ, хосатан дар забонҳои

тоҷикӣ ва англисӣ дар илми забоншиносии муқоисавӣ иқдоми нахустин мебошад.

Мубрам будани таҳқиқи диссертатсионии мазкурро аҳамияти назариву амалии омӯзиши хусусиятҳои сохториву маъноӣ, муқоисавӣ, диахрониву синхронӣ, решашиносӣ аз лиҳози системавӣ ва қиёсӣ муайян месозад, ки дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ яке аз масъалаҳои мубрам дар бахши забоншиносии муқоисавӣ ба шумор меравад. Ба ин маънӣ, диссертатсияи мазкур пажӯҳиши саривақтӣ буда, муаллиф дар он ҷанбаҳои норавшани мавзӯъро бар мабнои усули муқоиса мавриди омӯзиши илмӣ қарор додааст.

**Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд**

Муқарраротҳои илмии дар диссертатсия овардашуда дар асоси маводҳо аз адабиёти бадеии англисиву тоҷикӣ ба таври муқоисавӣ таҳлил гардидани хусусияти майдони сохториву маъноӣ, муқоисавӣ, диахрониву синхронӣ, решашиносӣ дар забонҳои муқоисашаванда такя ба собитҳои илмӣ ифода ёфтааст.

Натиҷаҳои тадқиқоти диссертант дар нашриётҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар маҷаллаҳои конфронсҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявию минтақавӣ интишор гардидааст.

Хулосаҳои муаллиф оид ба амалисозии мавзуи мазкур маводҳои фактологӣ аз адабиёти бадей ва луғатҳои забонҳои англисиву тоҷикӣ гирдоваришуда, буда илман асоснок карда шудааст.

Шиносоӣ бо диссертатсияи тақризшаванда нишон дод, ки дар он муаллиф дар асоси маводҳо аз адабиёти бадеии англисиву тоҷикӣ ба таври муқоисавӣ таҳлил намудани хусусияти майдони сохториву маъноӣ ва семантикӣ дар забонҳои муқоисашавандаро истифода бурдааст ва ба як қатор натиҷаҳои назарраси илмӣ ноил гаштааст.

Тадқиқоти диссертатсионӣ дар доираи татбиқи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.08.2019, №438) ба амал баровраrда шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда**

Навгонии илмии таҳқиқоти гузаронидашуда дар он ифода меёбад, ки бори нахуст майдони сохториву маъноӣ, муқоисавӣ, диахрониву синхронӣ, решашиносӣ, яъне истилоҳоти кишоварзӣ (ғалладона, олоти меҳнат ва омилҳои марбут ба онҳо) дар заминаи маводи забонҳои англисиву тоҷикӣ ба таври муқоиса мавриди омӯзиш қарор гирифта, сохтор ва ҷузъҳои таркибии майдони сохториву маъноӣ, муқоисавӣ, диахрониву синхронӣ, решашиносии забони тоҷикӣ дар муқоиса бо забони англисӣ мавриди пажуҳиши махсус қарор гирифта, ҷиҳатҳои умумӣ ва фарқкунандаи онҳо ошкор карда шудаанд. Инчунин, навгонии илмии диссертатсияи мазкур бо дарназардошти вазифагузориҳо муқаррар карда шудааст. Натиҷаҳои назарраси диссертатсия, ки навгонии илмиро инъикос менамоянд аз чунин нуқтаҳо иборат аст:

- вожаҳои ба зироатҳои ғалладона, навъҳои онҳо, мафҳуми дарза, ҷой ва тарзи кӯфтани ғалла, калимаҳои ба рӯбучин ва бод додани ғаллаи куфташуда ва амсоли инҳо муайян ва тавзеҳ дода шудаанд;
- хусусиятҳои монанд ва фарқкунандаи истилоҳоти кишоварзии забонҳои муқоисашаванда аз ҷиҳати сохтор ошкор гардидаанд;
- вижагиҳои сохторӣ ва семантикии вожаҳои кишоварзӣ, маросимӣ, суннатӣ, олотҳои меҳнат ва тарзи корбурди онҳо муайян шудааст;
- равиши нав дар мавриди тавзеҳи маъно, ки дар ин хол мафҳуми кишоварзӣ ба воситаи феълҳо муайян гардидааст, коркард шуд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия**

Аҳамияти илмии дисертатсия аз он иборат аст, ки ки натиҷаҳои илмии он имконоти назариявии донишмандони забоншиносро дар бахши

таҳқиқи истилоҳоти кишоварзӣ такмил хоҳанд дод. Инчунин, дар баррасии вижагиҳои сохториву маъноии луғоти соҳаи кишоварзӣ ҳамчун заминаи илмӣ нақши муҳимро ба ҷо хоҳанд овард.

Кори диссертатсионӣ, ҳамчунин, барои ташаккули минбаъдаи таҳқиқи муқоисавии калимаву истилоҳоти кишоварзӣ, аз ҷумла зироатҳои ғалладона ва истилоҳоти мансуби онҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ асосҳои назариявӣ фароҳам меоварад. Дастовардҳои кори таҳқиқоти мавриди пажуҳиш метавонад ҳангоми таҳияи китобҳо, махсусан тарҷумаи онҳо аз забони тоҷикӣ ба забони англисӣ ва ё баръакс, инчунин баррасии воҳидҳои луғавӣ ва грамматикаи забон истифода гарданд.

Омӯзиш дар асоси таҳлили маводи воҳидҳои гуногунсатҳи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ сурат гирифта, вижагиҳои сохториву маъноии луғоти соҳаи кишоварзӣ ва ифодаҳои марбут ба онро дар ду забони муқоисашаванда фаро мегирад. Ин муаммо дар забоншиносии тоҷик бори нахуст мавриди пажуҳиши мушаххаси илмӣ қарор гирифта, натиҷаҳои назарии бадастомадаро метавон ҳамчун сарчашмаҳои боэътимод дар муайян намудани паҳлуҳои мухталифи майдони сохториву маъноӣ, муқоисавӣ, диахрониву синхронӣ, решашиносӣ дар забонҳои дигари муқоисашаванда истифода бурд.

Муҳиммияти назариявии дигари пажуҳиш аз истифодаи натиҷаҳои он дар омӯзиши минбаъдаи қиёсии луғоти кишоварзии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ барои ошкор сохтани вижагиҳои умумӣ ва фарққунандаи ташаккулу таҳаввули захираи луғавии ин забонҳо иборат мебошад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқоти диссертант иборат аз амалигардонии вазифаи амиқи муоширатӣ ва аз тарафи омӯзандагони забони англисӣ ба беҳтару хубтар дарк намудани воситаҳои забоние, ки ба муҳити муносибатҳои фазоӣ тааллуқ доранд, мусоидат мекунад. Аз ин ҷиҳат, натиҷаҳои таҳқиқотро дар курсҳои махсуси ГФ, грамматикаи назариявӣ ва амалии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ, курсҳои назарии

тарҷума ва типологияи муқоисавии забонҳо, ҳангоми навиштани рисолаҳои илмӣ аз рӯйи ихтисоси марбут метавон васеъ истифода бурд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ**

Дараҷаи эътимоднокии кори таҳқиқотии мазкурро дақиқии маълумот, маводи кофии таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот, ҳаҷми интишорот ва гузаронидани таҳқиқоти илмии диссертатсионӣ собит менамоянд.

Хулоса ва тавсияҳои додашуда дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва муқоисавӣ пешниҳод шудаанд. Ҳамзамон, масъалаҳои муҳимми диссертатсия дар конференсияҳои илмиву амалии Донишгоҳи давлатии омузгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, дар семинарҳои илмӣ-методӣ ва илмӣ-назариявии кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии факултети забони англисӣ ва забонҳои шарқии муассисаи таълимии номбурда арзёбӣ гардидаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот**

Саҳми диссертант дар он зоҳир мегардад, ки ӯ бори нахуст бо такя ба маводи фаровони забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ вижагиҳои сохториву маъноии луғоти соҳаи кишоварзӣ, сохтор ва унсурҳои таркибии он мавриди пажуҳиши диссертатсионӣ қарор дода, хусусиятҳои шабеҳ ва фарқкунандаи онҳоро нишон дода, дар асоси таҳлил хулосаҳои амиқи илмӣ баровардааст. Инчунин ӯ муддати солҳо, дар баробари фаъолияти таълимӣ, ба ҷамъоварии маводи илмӣ, омӯзиши адабиёти назариявӣ, таснифи маводи ҷамъовардашуда ба гурӯҳҳои муайян ва навиштани кори илмӣ машғул шуда, дар ин самт мақолаҳои илмӣ таълиф намуда дар конференсияҳои илмии сатҳи гуногун суханронӣ кардааст.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ**

Диссертант муаллифи 10 мақолаи илмӣ марбут ба кор мебошад, ки аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақола дар маҷмуаҳои

конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявию минтақавӣ ба чоп расонидааст. Интишороти муаллиф натиҷаҳои асосии диссертатсияро дар бар мегирад. Дар мақолаҳои илмии докторант муҳтавои тадқиқот ба таври лозима инъикос ёфтааст. Натиҷаҳои таҳқиқ эътимодбахш буда, аз тарафи муаллиф бевосита дар марҳилаҳои гуногун коркард, тасвиб ва баррасӣ шудаанд.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**

Сохтори диссертатсияи Умаралиева Тахмина Мирзоалиевна бо дар назардошти мақсад ва вазифаҳои муқарраргардидаи таҳқиқот давомнокии мантиқиро фарогир буда, аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, ду боб, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат мебошад. Диссертатсия 189 номгӯи адабиётро дар бар гирифта, матни он дар 182 саҳифаи чопи компютерӣ баён карда шудааст.

**Дар муқаддима** аҳаммияти мавзӯи аҳамияти мавзӯъ, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, аҳамияти назариявии таҳқиқот, асосҳои методология ва методҳои таҳқиқот, усулҳои таҳқиқот, моҳияти илмӣ-назариявии таҳқиқот, моҳияти амалии таҳқиқот ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, коркарди мавзӯъ, ҳаҷм ва сохтори диссертатсия муқаррар карда шудааст. Инчунин дар тавсифи умумии таҳқиқот мақсад, вазифаҳо, объект, мавзуи таҳқиқот, асосҳои назариявии таҳқиқот, сарчашмаҳои амалии таҳқиқот, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, маълумот оид ба интишороти натиҷаҳои таҳқиқот ба таври муфассал оварда шудаанд.

Агар ба ҳолати муқоисавии ҷанбаҳои забоншиносӣ назар намоем, то ин замон дар кишвари мо корҳои илмию таҳқиқотии зиёде ба анҷом расидаанд, аммо муқоисаи хусусиятҳои сохториву маъноии луғоти соҳаи кишоварзӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бори нахуст мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст. Дар қисмати дараҷаи таҳқиқи мавзуи мавриди пажуҳиш муҳаққиқ маводи муфассалеро оид ба омӯзиши

муқоисавии вожаву истилоҳоти кишоварзӣ яке аз масъалаҳои муҳим ва асосиро дар забоншиносии тоҷик ва англис зикр намуда, аз ҷумла қайд намудааст, ки шарҳи асосҳои назариявию методологии рисола аз мушоҳида, таҳлил, таҳқиқ ва усулҳои таҳқиқот дар асоси вожаву истилоҳоти кишоварзӣ забони тоҷикӣ дар муқоиса бо забони англисӣ, муайян кардани монандӣ ва тафриқаи онҳо дар асоси муқоиса бармеояд.

Дар диссертатсия Умаралиева Тахмина Мирзоалиевна аз муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, ки дар атрофи луғоти кишоварзӣ дар забоншиносии тоҷик бештар дар чорчӯбаи соҳаҳои мардумшиносӣ, лаҳҷашиносӣ, инчунин, забоншиносии муқоисавӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта аз қабили М. С. Андреев [1970], В. В. Андриаков [1970], Н. К. Ершов [1960], Н. А. Кисляков [1969;1974], А. А. Семёнов [1974], Л. А. Фирштейн, [1970] А. Валиев [1976], Я. Г.Гуломов, У. Исломов, А. Аскаров [1966], А. Маҷлисов [1967], И. Муҳиддинов [1971], М. Р. Раҳимов [1966] ва дигарон ном мегирад.

Боби аввали диссертатсия - **«Истилоҳоти марбути зироатҳои ғалладона дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** унвон дорад. Боби мазкурро диссертант аз 4 зербоб мураттаб намуда, дар он аз фаслҳои вожаи кишоварзӣ ва муодилҳои он дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ,таснифоти истилоҳоти зироатҳои ғалладона дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ , вожаҳои марбут ба мафуми дарза, ғарами алаф, тӯдаи алафу зироатҳои ғалладона дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ва вожаҳои мансуб ба ҷой ва тарзи кӯфтани зироатҳои ғалладона - ро дар бар мегирад.

Дар боби мазкур шарҳи вожаи кишоварзӣ ва муодилҳои он дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, таснифоти истилоҳоти зироатҳои ғалладона дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, вожаҳои марбут ба мафуми дарза, ғарами алаф, тӯдаи алафу зироатҳои ғалладона, вожаҳои мансуб ба ҷой ва тарзи кӯфтани зироатҳои ғалладона дар забонҳои муқоисашванда марвиди баррасӣ қарор мегирад.

Ҳамчунин, дар фасли мазкур муҳаққиқ аслан ба таҳқиқотҳои то ин замон анҷомдодаи М.С.Андреев, В.В. Андриаков, Н. К. Ершов, Н. А Кисляков, А. А. Семенов, Л. А. Фирштейн А. Валиев, Я.Г. Ғуломов, У. Исломов, А. Аскаров, А. Маҷлисов, И. Муҳиддинов, М. Р. Раҳимов ва дигарон бисёртар такя намудааст.

Боби мазкур бо натиҷагириву хулосаҳои амиқи илмии диссертант ҷамъбаст гардидаанд.

Боби дуюми диссертатсия **«Хусусиятҳои сохториву маънoии истилоҳотӣи кишоварзӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** унвон дошта, он аз панҷ зербоб, ки дар он нақши вожаҳои олоти меҳнат ва раванди корбурди онҳо дар соҳаи кишоварзӣ, истилоҳоти мансуб ба юғу испор ва номи қисматҳои он, таҳлили феълҳои марбути соҳаи кишоварзӣ, истилоҳоти ба рондан ва ба назди худ хондани ҷуфти гов ҳангоми кишт ва куфтани ғалладона, таҳқиқи вожаҳои маросимиву суннатии кишоварзӣ дар дар забонҳои муқоисашаванда, мавриди баррасӣ ва пажӯҳиши илмӣ қарор гирифтааст.

Дар боби мазкур нақши вожаҳои олоти меҳнат ва раванди корбурди онҳо дар соҳаи кишоварзӣ, истилоҳоти мансуб ба юғу испор ва номи қисматҳои он, таҳлили феълҳои марбути соҳаи кишоварзӣ, истилоҳоти марбут ба рондан ва ба назди худ хондани барзаговҳо (ҷуфти гов) ҳангоми кишт ва кӯфтани ғалладона, таҳқиқи вожаҳои маросимиву суннатии кишоварзӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди баррасии амиқи илмӣ қарор мегирад.

Ҳар яке аз онҳо аз ҷониби докторант муқоиса ва таҳлил шуда, бо фикрҳои муаллифи диссератсия ҷамъбаст шудаанд.

Қобили зикр аст, ки ҳангоми таҳлил ва қиёси ботафсили вижагиҳои сохториву маънoии луғоти соҳаи кишоварзӣ, сохтор ва унсурҳои таркибии он дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, ки диссертант ошкор сохтааст, бархе аз воҳидҳои забонӣ нисбатан серистеъмоланд. Зимни

таҳқиқи хусусиятҳои сохториву маъноии луғоти соҳаи кишоварзӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар ошкор намудааст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Диссератсияи Умаралиева Тахмина Мирзоалиевна дар асоси меъёрҳои нави илмӣ таҳия гардидааст. Тарзу усули иқтибос, таҳияи бобу зербобҳо, хулоса ва феҳристи адабиёт тибқи талаботи стандарт ва таҳияи корҳои илмию таҳқиқотӣ ба роҳ монда шудааст.

Автореферати диссератсия бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мазмуну мундариҷаи корро пурра инъикос мекунад ва мақолаҳои таълифнамудаи муаллиф низ ба талабот ҷавобгӯ буда, муҳтавои диссертатсияро ифода мекунад. Хулосаи мухтасари кори диссертатсионӣ, ки бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири автореферат оварда шудаанд, тибқи талаботи ҷории Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шуда, моҳияти илмии кори мазкурро ба таври фишурда инъикос менамояд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии довталаб Умаралиева Тахмина Мирзоалиевна барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мувофиқат мекунад.

Таҳқиқи диссертатсионӣ аз ин ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад, ки Умаралиева Тахмина Мирзоалиевна ба таҳлили муқоисавии истилоҳоти кишоварзӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» (ғалладона, олоти меҳнат ва омилҳои марбут ба онҳо) бахшида шудааст. Таҳқиқоти мазкур дар илми забоншиносии муқоисавӣ иқдоми нахустин буда, аҳамияти махсуси илмӣ-назаривӣ ва амалӣ дошта, тоза ва мубрам маҳсуб мешавад, диссертант тавонистааст аз уҳдаи вазифаҳои гузошташуда барояд. Муаллифи диссертатсия бо мисолҳои мушаххас умумият ва фарқияти истилоҳоти

кишоварзиро дар забонҳои муқоисашаванда нишон додааст, ки ин боиси дастгирӣ мебошад.

Дар маҷмӯъ, метавон гуфт, ки муаллифи диссертатсия мақсаду вазифаҳои дар пеш гузоштаашро пурра иҷро кардааст ва як кори пурра ва пухтаи илмиро пешниҳод намудааст, ки ба талаботи корҳои диссертатсионӣ пурра муносиб ва мувофиқ мебошад.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.**

Новобаста аз дастоварду муваффақиятҳо ва пешниҳодҳои ҳадафмандона, диссертатсияи мазкур аз норасоиҳо ва ғалатҳое, ки хуссусияти ҷузъи доранд, холӣ нест ва камбудиҳои ҷойдошта сифати баланди илмии диссертатсияро коста намегардонанд. Ба инобат гирифтани онҳо дар таҳқиқоти ояндаи диссертант самаранок арзёбӣ мегарданд.

Муаллиф ба қисмати назариявии омӯзиш ва таҳқиқи ҳамаҷонибаи таърихӣ калима ва истилоҳоти соҳаи кишоварзӣ, махсусан бахши зироатҳои ғалладона, олоти меҳнат камтар диққат додааст.

1. Дар диссертатсия иқтибос аз асарҳои илмии вобаста ба мавзӯи диссертатсия кам истифода шудааст, аз ин рӯ, андешаронии муаллиф роҷеъ ба баъзе масъалаҳо норавшан мондааст.
2. Дар раванди таҳқиқот муаллифи рисола бештар ба масъалаҳои назариявии мавзӯъ дар забоншиносии тоҷик таваҷҷӯҳ намудааст, агар ба таҳқиқи мавзӯи фавқ дар забоншиносии англисӣ жарфтар таваҷҷӯҳ мегардид, хеле хуб мешуд.
3. Дар баъзе саҳифаҳои диссертатсия сарчашмаҳо ғалат ишора шудаанд (саҳ. 112, 113, 121 ва ғ.).
4. Дар тарҷумаи баъзе таркибу ибораҳои забони тоҷикӣ ба забони англисӣ ғалатҳо ба назар мерасанд (саҳ. 135, 137, 147, 153, 154 ва ғ.).

Дар умум, норасоиҳои номбаршуда ба ҳеҷ ваҷҳ ба аҳамияти илмии таҳқиқоти анҷомёфта ягон халале ворид намесозанд, зеро аксари онҳо хусусияти таҳририю ислоҳшаванда доранд ва ба мазмуну муҳтавои

диссертатсия ва дастовардҳои илмии муҳаққиқ таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқаррargардида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқиро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия**

Хулоса ҳар як боби диссератсия бо хулосаҳои мушаххаси докторант ба охир расидаанд ва ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки масълаҳои дар диссертасия матраҳгардида ҳалли худро пурра ёфтаанд.

Муаллифи диссератсия натиҷаҳои асосии таҳқиқоти худро дар 12 банд ҷамъбаст кардааст, ки аз аҳаммияти назарраси назарӣ ва амалӣ холӣ нестанд.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои филологӣ, дотсент мудири кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Наврузшоев Баҳридин Хушолович омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи назария ва типологияи забони англисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, суратҷаласаи **№7** аз **28.03.2025** тасдиқ карда шудааст.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 14нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ 14 нафар иштирок доштанд. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: “тарафдор”- 14 нафар, “муқобил” – нест, “бетараф” – нест.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ,
мудири кафедраи забони англисӣ
ва типологияи муқоисавии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Наврузшоев Баҳридин Хушолович

**Эксперт:**
номзади илмҳои филологӣ
саромӯзгори кафедраи забони англисӣ
ва типологияи муқоисавии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Абдулфайзов Сайнурудин

**Котиби илмии ҷаласа:**
н.и.ф., муалими калони
кафедраи забони англисӣ
ва типологияи муқоисавии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Собирова Уғулбӣ Садулоевна

Имзоҳои Наврузшоев Б. Х.,
Абдулфайзов С., ва Собирова У. С.-ро тасдиқ менамоям

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Тавқиев Э. Ш.**

Нишонӣ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, Хиёбони Рудакӣ, 17
Г. Душанбе
E-mail: tnu@mail.ru
Сомона: http://www.tnu.tj

«02» 04 2025